**Иқтибос аз суратҷаласаи №29**

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-005 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзад ва доктори илм дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 19.11.2020**

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 13 нафар иштирок карданд.

**Раис:** д.и.т., профессор Убайдулло Н. К.

**Иштирок карданд:** д.и.т., профессор Убайдулло Н. К. - раиси шӯро; д. и. т., узви вобастаи АИ ҶТ Пирумшоев Ҳ. П.- ҷонишини раиси шӯро; д. и. т. Хоҷаева Н. Ҷ. - котиби илмии шӯро; д.и.т. Абдурашитов Ф.М.; д.и.т., профессор Абулҳаев Р.; д.и.т. Додхудоева Л.Н.; д.и.т. Дубовитский В.В.; д.и.т., академики АИ ҶТ Ёқубов Ю.; д.и.т. Қобилова Б.Т., д.и.т., профессор Раҷабов А.; д.и.т., профессор Саидов А.; д.и.т. профессор Муҳидинов С.Р.; д. и. т., узви вобастаи АИ ҶТ Шарифзода А.А.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА

Барои ҳимоя қабул кардани таҳқиқоти диссертатсионии Шарифова Макнуна Қарчибековна дар мавзӯи **«Ташаккулёбии фарҳанги халқи тоҷик дар асрҳои IX-X»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ пешниҳод шудааст, тасдиқи муқарризони расмӣ ва ташкилоти тақриздиҳанда.

Тибқи фасли IV-уми Дастурамал дар бораи Шӯро оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзад ва доктори илм «Ташхиси аввалия ва қабули диссертатсия барои ҳимоя», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 с. №505 тасдиқ шудааст, **Шӯрои**

диссертатсионии 6D.КОА - 005, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон амал мекунад, санаи 24.09.2020 комиссияро дар ҳайати: А.Раҷабов - доктори илмҳои таърих, профессор, Л.Н.Додхудоева - доктори илмҳои таърих ва С.Р. Муҳидинов - доктори илмҳои таърих, профессор барои баррасии диссертатсияи Шарифова Макнуна Қарчибековна дар мавзӯи **«Ташаккулёбии фарҳанги халқи тоҷик дар асрҳои IX-X»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ омода гардидааст, таъйин намуд.

Дар асоси аризаи унвонҷӯ, хулосаи **кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** аз 30 январи соли 2019, хулосаи комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо, дар мутобиқат бо бандҳои 44-47 фасли IV Дастурамал дар бораи Шӯро оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзад ва доктори илм, Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-005

**Қарор мекунад:**

1.Бо дарназардошти пешниҳоди комиссияи ташхис ва аъзои Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-005 мавзӯи рисолаи Шарифова Макнуна Қарчибековна чунин номгузорӣ шавад: **«Ташаккул ва пешрафти фарҳанги халқи тоҷик дар асрҳои IX-X».**

2.Хулосаи комиссия ҷиҳати мутобиқати диссертатсияи Шарифова Макнуна Қарчибековна дар мавзӯи **«Ташаккул ва пешрафти фарҳанги халқи тоҷик дар асрҳои IX-X»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ ба соҳаҳои Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-005 ва ба мавзӯи пешниҳодшуда тасдиқ карда шавад.

3.Диссертатсияи Шарифова Макнуна Қарчибековна дар мавзӯи

**«Ташаккул ва пешрафти фарҳанги халқи тоҷик дар асрҳои IX-X»** аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

4.Санаи ҳимоя 18 марти соли 2021 таъйин карда шавад.

5.Ба ҳайси муқарризони расмӣ тасдиқ карда шаванд:

- **Давлатов Муллошо** - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон.

- **Ҳусейнов Фаррух** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

6.Донишкадаи санъат ва фарҳанги Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ба ҳайси ташкилоти тақриздиҳанда тасдик карда шавад.

7.Феҳристи ташкилотҳо ва ашхос барои фиристодани автореферат тасдиқ карда шавад.

8.Ба унвонҷӯ барои нашри автореферати диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда иҷозат дода шавад.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «ҷонибдор » - 13, «муқобил» - 0, « бетараф» - 0.

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ,
д.и.т., профессор Н.К.Убайдулло

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
д.и.т. Н.Ҷ.Хоҷаева

Имзоҳои Н.К.Убайдулло ва Н.Ҷ.Хоҷаеваро тасдиқ мекунам

Нозири шуъбаи кадрҳо Г.Файзуллоева

ИНСТИТУТ ИСТОРИИ, АРХЕОЛОГИИ И ЭТНОГРАФИИ ИМЕНИ АХМАДА ДОНИША НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ОТДЕЛ КАДРОВ